**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** (ш. Душанбе, 2025- 44 саҳ.).

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф ба баррасии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки дар марҳилаи кунунии рушди илму техника диққати махсус ба такмил додани технологияҳои компютерӣ дода мешавад, ки ба таври васеъ дар ҳаёти ҷомеа истифода мегарданд. Ин ҳолат бевосита бо афзоиши аҳамияти иттилоот алоқаманд аст, ки нақши он барои фаъолияти муътадили ҷомеаи муосир бешубҳа мебошад. Низоми густаришёбандаи робитаҳои иттилоотӣ низ аз бархӯрд бо ҷиноятҳое, ки аз дастовардҳои муосири илмию техникӣ истифода мекунанд, эмин намонд. Бо дарки аҳаммияти иттилоот, ҷомеа ба хатарҳои ҷиноянткории иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад, ки қисми назарраси онро ҷиноятҳои компютерӣ ташкил медиҳанд.

Рушди технологияҳои компютерӣ ва татбиқи ҳамаҷонибаи онҳо имкон медиҳад, ки ҷиноятҳои гуногун бо истифода аз компютер содир шаванд. Бо истифода аз техникаи компютерӣ кирдорҳои ғайриқонуние чун нусхабардории беиҷозат, несту нобуд кардан, муҳосира намудан ё тағйир додани иттилооти дар компютер ҷойгиршуда ва ғайра содир шуда метавонанд.

Вобаста ба ин, муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аз ҷиноятҳои компютерӣ, инчунин таъмини амнияти иттилоотии давлат ва шахсони ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда ба шумор меравад. Ҳалли ин масъалаҳо бидуни истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ғайриимкон аст, ки ин ҳолат сабаби ворид кардани боби махсус – «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилооти компютерӣ» – ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории ҷиноятӣ баъзе камбудиҳо мавҷуданд, ки ба ҷавобгарӣ кашидани шахсонеро, ки дар содир намудани кирдорҳои пешбинишудаи моддаҳои ин боб гунаҳгоранд мушкил месозанд.

Аз ин рӯй, таҳқиқи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар айни замон мубрам ба ҳисоб меравад.

Навгониҳои таҳқиқот шубҳае ба вуҷуд намеорад, зеро дар он таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мушкилоти ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба таври муназзам бо таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, таҳлили аломатҳои объективию субъективӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотиро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок даст ёбад. Ин тадқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас, дақиқ ва илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмилу ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар заминаи эмпирикӣ муаллиф нишон додааст, ки амалияи тафтишоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2015-2021- ро истифода намудааст (саҳ.12), вале дар саҳифи 5 автореферат маълумотҳои оморӣ танҳо барои солҳои 2019-2024 оварда шуда, омори солҳои пештара аз мадди назар дур мондааст.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона ва таҳия шуда, масъалаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ саҳми назаррас дошта бошад.

иттилоотӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
мудири шӯъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Буризода Э.Б.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, к. Маяковский 70/5, хонаи 50.
E-mail: buriev-68@mail.ni,
Тел.: корӣ 221-65-85
Мобилӣ 907-82-90-91

Имзои Буризода Э.Б-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.

**Суроғаи муассиса:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 33,
E-mail: buriev-68@mail.ni,
Тел.: корӣ 221-65-85

**«16» июня соли 2025**